Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-062- назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Турзунзода, 30)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи «Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимой-иқтисодӣ.**

Бунёди асосҳои ҳуқуқию меъёрии ташкили фаъолияти тиҷоратикунонии навовариҳо дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, яъне ин қисмат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҳалли як қатор масъалаҳои марбут ба фаъолияти тиҷоратикунонии навовариҳо аз бисёр ҷиҳат ба ташаккули асосҳои ҳуқуқию меъёрии ташкили фаъолияти инноватсионӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ки сиёсати Ҳукумати ҷумҳуриро дар бахши дастгирии рушди нерӯи илмӣ ва инноватсионӣ муайян менамояд, вобастагии мустақим дорад.

Дар давоми солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурӣ бо мақсади таҳким бахшидани рушди навоварӣ ва механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ оид ба дастгирии нерӯи илмӣ, таҷдиди соҳаи илм ва ба самти ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ равона кардани он чораҳо андешида шудаанд. Бо дилпурӣ метавон гуфт, ки заминаҳои институтсионалии таъмини раванди устувори тиҷоратикунонии навовариҳо бо таваҷҷуҳ ба тасвиби санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, коркарди механизмҳои дастгирии навовариҳо, пайванд додани илм ва истеҳсолот ва ҷалби сармоя ба ин самт гузошта шудааст.

Муаллиф дар автореферати худ иброз медорад, ки ки раванди тиҷоратикунонии натоиҷи фаъолияти инноватсионӣ дар низоми иқтисодӣ миллӣ ба як қатор мавонеи институсионалӣ ва инфрасохторӣ мувоҷеҳ

шудааст. Сатҳи баланди иқтисоди ғайрирасмӣ имкон намедиҳад, ки навовариҳои ихтироъшуда бемамониат ба фуруш броварда шавад. Дар раванди ихтироъ то фуруши маҳсулоти нав монеаҳои зиёди бюрократӣ мавҷуданд, ки ба самаранокии механизми тиҷоратикунонӣ халали ҷиддӣ ворид менамоянд. Аз ҷониби дигар майли аз ҳад зиёд доштани соҳибкорон ба хариди таҷҳизоти тайёр аз кишварҳои хориҷӣ боиси коҳиш ёфтани ихтирооти нави худӣ ва рушди тиҷоратикунонии навоварӣ мешавад, (саҳ.16).

Муаллиф барои ҳалли вазифаҳои таҳқиқот ва ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳое, ки дар автореферати диссертатсия гузошта шуда буданд, усулҳои мафҳумию мантиқӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ, сотсиологӣ, анализу синтез, иқтисодию оморӣ ва ғайраро мавриди истифода қарор додааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ, хулосаҳо оид ба интихоби усулҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқ истифода шудааст, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашудаю коркардшуда оид ба мавзуи мазкур, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисолаи диссертатсионӣ мавҷуданд, инчунин, нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва эмприкӣ пешниҳод гардидаанд.

Ҳангоми хонда баромадани фишурдаи рисолаи илмии Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Муҳиммияти мавзуи диссертатсия бо далелу рақамҳои воқеӣ ва стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ асоснок карда мешуд, бисёр бамаврид мебуд;

2. Дар саҳифаи 15 (ҷадвали 3-динамикаи рушди навоварӣ ва тиҷорати навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000-2022) таҳлил карда шуда аст, аммо бисёр ба маврид мебуд дар ҷараёни таҳқиқот, ҳадди ақал панҷ соли охирро мавриди таҳлил қарор медод;

Камбудиҳои пешниҳодгардида ҷузъӣ буда, мазмун ва баҳои воқеии авторефератро таъғйир намедиҳанд. Масъалаҳои назариявӣ, методологии дар автореферат нисбатан пурра таҳқиқи илмӣ ёфтанд ва дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ мустақил будани муаллифро нишон медиҳад. Дар маҷмӯъ, таҳқиқи диссертатсионӣ дар мавзуи « Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ) пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфт дорои хислату мазмуни илмию амалӣ буда, ба талаботи Низомномаи комиссияи олии аттестатсионии назди Президентӣ Ҷумҳурии Тоҷикистои ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҳмадалиев Насриддин Каримович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D051701 Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимой-иқтисодӣ, мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru